ШИРКАТИ «БОХТАР»

# ФУТБОЛ

№ 11 (17)

## «ПОМИР»
*Душанбе*

## «СПАРТАК»
МОСКВА

13 ОКТЯБРИ СОЛИ 1990
ОҒОЗИ БОЗӢ — СОАТИ 17

www.redwhite.ru

## Меҳмонони имрӯзаи мо

## ТИЛЛО—ХУБ, НУҚРА ҲАМ БАД НЕ...

Даври гузашта, ки бозиҳои он 7-уми октябрь гузаронида шуданд, чемпиони имсоларо муайян кард — бори сездаҳум. (аз ҳама зиёдтар) унвони чемпионии мамлакатро бозингарони командаи «Динамо»-и Киев соҳиб гаштанд. Яке аз аввалинҳо шуда онҳоро собиқ ҳимоятгари хуби «Помир» Абдулло Муродов, ки ҳоло дар мактаби олии тренерон таҳсил менамояд, ҳанӯз пеш аз оғоз ёфтани бозии «тиллоии» «Динамо» бо ЦСКА бо телеграмма ба воситаи оинаи нилгуни умумииттифоқ табрик намуд. **Ҳаводорони футболи тоҷик ҳам бо Абдуллои худ ҳамовоз гашта ба футболбозони пойтахти Украинаи бародар дар мубориза барои гирифтани Ҷоми ҷомҳои Аврупо барори кор мехоҳанд.**

Ба чемпионҳои соли гузашта — бозингарони командаи номдортарини мамлакат — «Спартак»-и ш. Маскав, ки имрӯз меҳмони моянд, акнун лозим меояд, ки чӣ дар бозӣ бо «Помир»-и мо, чӣ дар бозӣ бо ЦСКА барои ба даст овардани ғалаба ҳеҷ чизро дареъ надоранд, зеро аз мукофотҳои тиллоӣ марҳум гашта мукофотҳои нуқрагинро ҳам аз даст додан ба онҳо аламовар хоҳад буд. Ба муборизаи шадид дар ду вохӯрии боқимонда «Спартак»-ро боз он водор месозад, ки барои гирифтани ҷои дуюм инчунин футболбозони «Динамо»-и пойтахт ҳам хеле талош хоҳанд кард, ки ҳарифи охирини он — «Ротор» низ хеле хавфнок аст.

Муваффақиятҳои «Спартак» тахти сарварии сартренери ҷавон Олег Романцев, ки ҳамагӣ ду сол боз роҳбарии командаро бар ӯҳда дорад, назаррас мебошанд. Баъди аз коллектив рафтани яке аз тренерони номдори мамлакат Константин Бесков ва бозингарони беҳтарини он Р. Дасаев , В. Хидиятуллин, А. Бубнов бисёриҳо бад шудани аҳволи командаро пешгӯӣ мекарданд. «Спартак» бошад, унвони чемпионии соли 1989-ро соҳиб гашт!

Қабл аз оғоз ёфтани мавсими имсола аз ҳайати «тиллоӣ»-и команда якчанд бозингари хуб — В. Пасулько, Е. Кузнецов ва дигарон рафтанд. Ба замми ин дар айни чемпионат пешсафони бисёрсолаи он Ф. Черенков ва С. Родионов ба командаи «Ред-Стар» (Фаронса) гузаштанд. Ба чунин талафоти калон нигоҳ накарда «Спартак» то ҳол дар қатори пешсафон ҷойгир аст. Бозингарони ҷавон боварии сартренери худро қонеъ гардонида аз бозӣ то бозӣ малакаи касбии худро баланд мебардоранд. Инҳо О. Иванов, В. Карпин, В. Попович, Д. Попов мебошанд. «Ветеранҳои ҷавон» В. Шмарови 25-сола (капитани команда), А. Мостовой (22-сола) ва И. Шалимов (21-сола) пешсафони «Спартак» гаштанд. Чун ҳамеша дарвозабон С. Черчесов ва ҳимоятгари умедбахш В. Кульков (ҳарду, инчунин В. Шмаров ва И. Шалимов номзад ба командаи яккачини мамлакатанд) хеле хуб ҳунарнамоӣ мекунанд. Ба команда нимҳимоятгарони собиқи «Черноморец» Г. Перепаденко ва О. Имреков, аз «Пахтакор» бошад, ҳамлагари соҳибистеъдод А. Абдураҳимов даъват шудаанд.

Тирамоҳи мавсими имсол барои «Спартак» хеле вазнин афтод. Ба ғайр аз мубориза дар чемпионати мамлакат команда дар мусобиқа барои гирифтани Ҷоми чемпионҳои Аврупо иштирок дорад. Ҳарифи нахустини худ — «Спарта» (Прага)-ро ду маротиба бо ҳисоби якхелаи 2:0 мағлуб намуд. Қуръапартоӣ ҳарифи навбатии командаро муайян кард — чемпиони соли гузаштаи Италиё — «Наполи», ки дар он ситораи ҷаҳонии футбол Диего Марадона ҳунарнамоӣ менамояд. Бешубҳа миллионҳо ҳаводорони футболи мамлакат бесаброна интизори вохӯриҳои «Спартак» — «Наполи» буда ба меҳмонони имрӯзаи мо барори кор мехоҳанд.



Дарвозабони «Спартак» Станислав Черчесов ҳоло ҳам яке аз беҳтарин дарвозабонҳои мамлакат аст.

## ОЕ «АНЪАНА» ВАЙРОН МЕШУДА БОШАД!

Имрӯз «Помир» ва «Спартак» бо ҳамдигар бори шашум расман вохӯранд. Шиносоии командаҳо соли 1977, ки он вақт чемпиони бисёркаратаи [illegible] баромад мекард, баргузор гардида буд.

www.redwhite.ru



Яке аз бозингарони ҷавони чолоку моҳири «Спартак»-90 Александр Мостовой.

11 майи соли 1977 «Помир» нахустин маротиба дар варзишгоҳи машҳури Лужникии пойтахт меҳмони «Спартак» шуда буд. Кори командаи дӯстоштаи мо омад накард. Аллакай дар дақиқаи 3-юми бозӣ ҳамлагари «Спартак» М. Булгаков тӯби аввалро вориди дарвозаи В. Тростенюк гардонд. Дере нагузашта нимҳимоятгар В. Гладилин ҳисобро ба 2:0 ва дар аввали қисми дуюми бозӣ Г. Ярцев ба 3:0 расониданд. Баъди ин бозингарони «Помир» ниҳоят аз беҷуръатӣ даст кашида фаъолона бозӣ карда дар назди дарвозаи соҳибони майдон якчанд вазъияти хавфнок ба вуҷуд оварданд. Нишонзани беҳтарини команда В. Турсунов ба дарвозаи соҳибони майдон ду тӯб зад. Дар охири вохурӣ бошад, ташаббусро боз «Спартак» соҳиб шуда тӯби чорумро ба дарвозаи «Помир» (М. Булгаков) зад. Ва ин бозии шавқовар ба фоидаи он бо ҳисоби 4:2 анҷом ёфт.

Вохӯрии ҷавобии ҳарифони имрӯза дар ҳамон сол дар шаҳри мо низ хеле шиддатнок гузашт. Қисми якуми бозӣ бенатиҷа ба анҷом расид. Дар қисми дуюми он боз ҳамон М. Булгаков, ин дафъа аз ҷаримаи 11-метра, тӯбро ба нишон расонд, аммо ду дақиқа ҳам нагузашта буд, ки нимҳимоятгари соҳибони майдон А. Тарбаев хисобро баробар кард — 1:1.

Шиносоии худро командаҳо баъд аз 12 сол аллакай дар лигаи олӣ барқарор намуданд.

4 июни соли гузашта дар шаҳри Маскав «Помир» бозиро ба «Спартак» бо ҳисоби ғайриоддии 2:6 бохт. Ҳанӯз дар қисми якуми вохурӣ ҳисоб ба 4:0 ба фоидаи соҳибони майдон расида буд. Баъд аз танаф[illegible]-

www.redwhite.ru

бозаи ҳамдигар ду тӯбӣ заданд (тӯбҳоро аз командаи мо В. Заздравных ва Р. Забиров заданд).

Агар тамошобинони маскавӣ шоҳиди 8 тӯби ба нишон расондаи футболбозон шуда бошанд, тамошобинони тоҷик дар вохӯрии даври дуюм, ки 31 август баргузор гардида буд, ягон тӯбро ҳам дар тӯри дарвозаи командаҳо надиданд — 0:0, ҳарчанд бозӣ тезутунд гузашт.

24 марти соли равон «Помир» нахустин маротиба дар таърихи худ вохӯрии тақвимии чемпионатро дар майдони сунъӣ — комплекси варзиши «Олимпийский» гузаронд. Чанде пеш аз ин дар ҳамин «зери бом» «Помир» бо «Спартак» вохӯрии рафиқона гузаронида бо ҳисоби 1:11 мағлуб шуда буд. Хушбахтона аз «таҷрибаи» омӯхтааш истифода бурда «Помир» ин дафъа хеле хуб бозӣ кард, вале тақдири бозиро ҷаримаи 11-метра дар дақиқаи 33-юм (С. Родионов) ба фоидаи «Спартак» ҳал намуд.

Хулоса, то имрӯз дар вохӯриҳои ҳарифони имрӯза «анъанае» мушоҳида карда мешавад, ки дар Маскав соҳибони майдон мунтазам ғолиб меоянду дар Душанбе бозиҳо мусовӣ анҷом мееёбанд. Шояд имрӯз ин «анъана» вайрон гардад.

Қайд кардан зарур аст, ки дар вохӯрии соли гузашта, ки дар ҳамин варзишгоҳ баргузор гардида буд, дарвозабони асосии «Помир» А. Мананников иштирок накарда буд ва хушбахтона А. Гертнер хеле хуб бозӣ карда дарвозаи худро аз гол эмин дошта буд. Мутаассифона имрӯз боз бо ҳамон сабаб дар бозӣ капитани команда Р. Раҳимов бозӣ намекунад. Аз ин сабаб ҳаводорони «Помир» бозии имрӯзаро бо изтироб интизоранд.

## ҶАДВАЛИ МУСОБИҚА БАЪД АЗ 26 ДАВР

| | Б | Ғ | М | Б | Т | Х |
|---|---|---|---|---|---|---|
| 1. «Динамо» (К) | 22 | 14 | 6 | 2 | 41—15 | 34 |
| 2. «Спартак» | 22 | 12 | 5 | 5 | 37—19 | 29 |
| 3. «Динамо» (М) | 23 | 11 | 7 | 5 | 26—24 | 29 |
| 4. «Торпедо» | 23 | 12 | 4 | 7 | 27—24 | 28 |
| 5. ЦСКА | 22 | 11 | 5 | 6 | 38—23 | 27 |
| 6. «Днепр» | 21 | 10 | 6 | 5 | 35—21 | 26 |
| 7. «Шахтер» | 23 | 6 | 9 | 8 | 23—21 | 21 |
| 8. «Арарат» | 22 | 7 | 6 | 9 | 23—22 | 20 |
| 9. «Металлист» | 22 | 5 | 8 | 9 | 11—24 | 18 |
| 10. «Черноморец» | 23 | 7 | 3 | 13 | 22—29 | 17 |
| 11. «Памир» | 21 | 6 | 4 | 11 | 19—29 | 16 |
| 12. «Ротор» | 22 | 3 | 6 | 13 | 12—37 | 12 |
| 13. «Динамо» Мн. | 22 | 4 | 3 | 15 | 16—32 | 11 |

## БОЗИҲОИ БОҚИМОНДАИ ДАВРИ 27-УМ

ЦСКА — «Металлист»
«Арарат» — «Шахтер»
«Ротор» — «Днепр»
«Динамо» Мн. — «Динамо» К.

## ҲАЙАТИ КОМАНДАҲО

### «ПОМИР»

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| №... | А. Мананников | 1965 | 50 (21) | — |
| №... | Ҳ. Фузайлов | 1964 | 50 (20) | 1 (1 |
| №... | А. Воловоденко | 1963 | 21 (21) | — |
| №... | Ш. Мамадҷонов | 1970 | 10 (10) | — |
| №... | А. Рафиқов | 1962 | 72 ( 8) | — |
| №... | В. Постнов | 1962 | 35 (21) | — |
| №... | Ч. Муҳадов | 1969 | 22 (18) | 4 (4 |
| №... | Ю. Батуренко | 1964 | 50 (20) | 3 |
| №... | Р. Бозоров | 1968 | 21 (21) | 3 (3 |
| №... | В. Манасян | 1958 | 41 (20) | 2 (1 |
| №... | М. Муҳаммадиев | 1966 | 48 (19) | 12 (6 |
| №... | С. Мандреко | 1971 | 11 (11) | — |
| №... | Е. Лиферов | 1966 | 2 ( 2) | — |
| №... | Р. Забиров | 1966 | 31 (15) | 2 |
| №... | С. Пискарёв | 1972 | 1 ( 1) | — |
| №... | А. Енгуразов | 1964 | — | — |

Сартренер—тренери шоистаи Тоҷикистон **Шариф Назар**

### «СПАРТАК»

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| №... | С. Черчесов | 1963 | 95 (22) | — |
| №... | С. Базулев | 1957 | 139 (17) | — |
| №... | В. Кульков | 1966 | 51 (21) | 3 (2) |
| №... | Д. Попов | 1967 | 10 ( 5) | — |
| №... | Б. Поздняков | 1962 | 251 (22) | 8 |
| №... | В. Карпин | 1969 | 19 (19) | — |
| №... | Г. Перепаденко | 1964 | 100 (20) | 7 (1) |
| №... | И. Шалимов | 1969 | 71 (21) | 15 (5) |
| №... | В. Шмаров | 1965 | 99 (21) | 31 (11) |
| №... | А. Мостовой | 1968 | 77 (21) | 21 (8) |
| №... | О. Иванов | 1967 | 4 ( 4) | 2 (2) |
| №... | О. Имреков | 1962 | 78 (16) | 10 (1) |
| №... | В. Попович | 1970 | 4 ( 4) | — |
| №... | Д. Градиленко | 1969 | 14 (7) | — |
| №... | Ю. Суслопаров | 1958 | 224 (12) | 21 |
| №... | В. Дербунов | 1967 | 1 | — |

**Сартренер** — устоди спорти дараҷаи байналхалқӣ, тренер шоистаи РСФСР **Олег Романцев.**

**Сардовари бозӣ** — довари дараҷаи байналхалқӣ **Вадим Жук** (ш. Минск).

**Эзоҳ:** баъд аз ному насаб ва соли таваллуди футболбозон шумораи бозӣ ва миқдори тӯбҳои ба нишон расонидаи онҳо дар лигаи олӣ (дар қавс — аз ҷумла дар мавсими имсола) нишон дода шудааст.

Масъули чоп — **Абубакри Азизхоҷа.**

Аксбарадор — **Вадим Михайлов** (ш. Маскав).

Матбааи Нашриёти КМ ҲК Тоҷикистон
Супориши 1946 нархаш 30 тин.

www.redwhite.ru